«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, доктори илмҳои филологӣ, профессор
Гулназарзода Ж. Б.
«13» 08 соли 2026.

ХУЛОСАИ
ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ СОТИМ УЛУҒЗОДА

Диссертатсияи Қаҳорзода Меҳроҷиддини Вайсиддин дар мавзуи «Ҷанбаҳои бадеӣ ва фалсафии ашъори Аскар Ҳаким» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи 6.2.18. Назарияи адабиёт ва сабкшиносӣ дар кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филология ва рӯзноманигории Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода иҷро шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Қаҳорзода Меҳроҷиддини Вайсиддин унвонҷӯи кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филологияи тоҷик (ҳоло филология ва рӯзноманигорӣ)-и Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (ҳоло Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода) ба шумор мерафт.

Довталаби дараҷаи илмӣ Қаҳорзода Меҳроҷиддини Вайсиддин соли 2013 ба факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дохил шуда, онро соли 2017 бо ихтисоси омӯзгори забон ва адабиёти тоҷик хатм намудааст. Худи ҳамон сол Қаҳорзода Меҳроҷиддин дар Донишгоҳи мазкур таҳсилро дар зинаи магистратура идома дода, соли 2019 онро бо ихтисоси омӯзгори забон ва адабиёти тоҷик ба итмом расонидааст.

Номбурда бо фармоиши ректори Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз 03.11.2022 таҳти №138 – ОД ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филология ва рӯзноманигорӣ қабул гардидааст.

Мавзуи диссертатсия таҳти унвони «Ҷанбаҳои бадеӣ ва фалсафии ашъори Аскар Ҳаким» дар Шурои олимони Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (ҳоло Донишгоҳи

байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода) аз 25.11.2022, бо қарори № 4/3-3 тасдиқ шудааст.

Роҳбари илмии Қаҳорзода Меҳроҷиддини Вайсиддин номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Абдурраҳимзода Бахтиёр Абдурраҳим мебошад.

Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода оид ба супоридани имтиҳонҳои минимуми номзадӣ аз 05.08.2026, таҳти №3/731, ба унвонҷӯ Қаҳорзода Меҳроҷиддини Вайсиддин шаҳодатнома додааст. Тибқи шаҳодатномаи мазкур, ӯ дар муҳлатҳои муайяншуда имтиҳонҳои номзадӣ (минимум)-ро аз фанҳои забони хориҷӣ (англисӣ) бо баҳои “хуб”, таърих ва фалсафаи илм бо баҳои “хуб” ва назарияи адабиёт бо баҳои “аъло” супоридааст.

Диссертатсияи Қаҳорзода Меҳроҷиддини Вайсиддин дар мавзуи «Ҷанбаҳои бадеӣ ва фалсафии ашъори Аскар Ҳаким» дар ҷаласаи кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филология ва рӯзноманигории Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз 12.08.2026, №1 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия гардидааст.

Дар натиҷаи баррасии диссертатсия
чунин хулоса қабул карда шуд:

Диссертатсияи Қаҳорзода Меҳроҷиддини Вайсиддин дар мавзуи «Ҷанбаҳои бадеӣ ва фалсафии ашъори Аскар Ҳаким» таҳқиқи мустақил ва анҷомёфтаи илмӣ буда, ба омӯзиши масъалаҳои назарияи шеър, поэтика, сабкшиносӣ ва таҳаввули шеъри муосири тоҷик бахшида шудааст. Мубрамияти таҳқиқ аз зарурати омӯзиши муназзами хусусиятҳои мазмунию шаклӣ, сабку услуб, андешаҳои фалсафию ахлоқӣ, навовариҳои жанриву сохторӣ ва воқеиятнигорӣ дар ашъори Аскар Ҳаким бармеояд. Дар адабиётшиносии тоҷик паҳлуҳои алоҳидаи фаъолияти адабӣ ва илмии Аскар Ҳаким мавриди баррасӣ қарор гирифта бошанд ҳам, масъалаҳои мазкур дар иртиботи мутақобил ва дар доираи як таҳқиқоти махсуси назариявию сабкшиносӣ ба таври муназзам омӯхта нашуда буданд.

Дар диссертатсия фаъолияти эҷодии Аскар Ҳаким дар пайванди ду марҳилаи асосии таърихию адабӣ, яъне, даврони шуравӣ ва даврони Истиқлоли давлатӣ таҳқиқ гардида, тағйироти мавзуӣ, мазмунӣ ва услубии ашъори ӯ муайян карда шудаанд. Таҳлил далел бар он аст, ки ташаккули шахсияти эҷодӣ ва сабки фардии шоир бо муҳити адабӣ, таҷрибаи зиндагӣ

ва дигаргуниҳои иҷтимоиву таърихии замон иртибот дошта, аз марҳилаи аввали эҷод то давраи камол доираи мавзуъ ва тарзи ифодаи ӯ пайваста густариш ёфтааст. Дар ин росто, ҷойгоҳи шеърҳои иҷтимоӣ, ватандӯстона, тасвирӣ, фалсафӣ, панду ахлоқӣ ва воқеиятнигорона муайян гардидааст.

Дар боби якуми диссертатсия марҳилаҳои ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Аскар Ҳаким, муҳтаво ва сохтори ду ҷилди аввали «Маҷмуаи осор»-и ӯ баррасӣ гардидаанд. Таҳлили маводди мазкур имкон додааст, ки тартиби ташаккули эҷодиёти шоир, таносуби мавзуъ ва жанр, ҷойгоҳи шаклҳои анъанавӣ ва нав, ҳамчунин, хусусиятҳои даврабандии фаъолияти адабии ӯ мушаххас карда шаванд. Муаллиф бо такя ба маводди осори шоир нишон додааст, ки тағйироти мазмуну шакл дар эҷодиёти Аскар Ҳаким бо тағйири муҳити иҷтимоӣ ва такомули ҷаҳонбинию таҷрибаи эҷодии ӯ иртиботи бевосита дорад.

Дар боби дуюм навовариҳои Аскар Ҳаким дар шеъри анъанавии муосир, ҷойгоҳи андешаҳои фалсафӣ ва мавқеи панду ахлоқ дар ашъори ӯ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Муайян гардидааст, ки яке аз ҷиҳатҳои муҳимми ҳунари шоир дар пайванди суннатҳои шеъри классикии тоҷик бо масъалаҳои иҷтимоӣ ва маънавии замони муосир зоҳир мешавад. Корбурди ғазал, рубоӣ, дубайтӣ, қитъа, маснавӣ ва чаҳорпора бо мазмунҳои нави иҷтимоӣ, фалсафӣ ва ахлоқӣ таҳқиқ шуда, хусусиятҳои таҷдиди шаклҳои анъанавии шеър муайян гардидаанд. Ба таври махсус истифодаи устура, ривоятҳои динӣ ва мардумӣ, мақолу зарбулмасал, ирсоли масал ва дигар унсурҳои мероси адабӣ дар ифодаи андешаҳои фалсафӣ ва ахлоқии шоир таҳлил шудааст.

Дар боби сеюм масъалаҳои поэтикаи ашъори Аскар Ҳаким, яъне, сабку услуб, санъатҳои бадеӣ, мақоми шеъри озод ва воқеиятнигорӣ дар ашъори ғиноӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Дар асоси таҳлили матн муайян карда шудааст, ки ташбеҳ, истиора, маҷоз, тазоду муқобала, талмеҳ, таҷоҳули ориф, ирсоли масал ва дигар санъатҳои маънавӣ дар низоми тасвирии ашъори шоир вазифаи муҳими маънофарӣ доранд. Ҳамчунин, хусусиятҳои сохторию мазмунии шеъри озод, дарозу кӯтоҳ гардидани мисраъҳо, шикастани рукнҳо ва имкониятҳои ин шакли шеър барои ифодаи мазмунҳои иҷтимоӣ, тасвирӣ ва ҳикматомез таҳқиқ гардидаанд.

Навгонии илмии диссертатсия дар омӯзиши маҷмуии ҷойгоҳи андешаҳои фалсафӣ, панду ахлоқӣ ва воқеиятнигорӣ дар ашъори Аскар Ҳаким, таҳқиқи робитаи фалсафа, ахлоқ ва воқеиятнигорӣ бо ҷаҳонбинии бадеии шоир, муайян намудани хусусиятҳои сабки фардӣ, таҳлили

ҷустуҷӯҳои шакливу жанрӣ ва арзёбии саҳми ӯ дар таҷдиди шеъри муосири тоҷик ифода меёбад. Аз ҷумла, шакли чаҳорпора бо байти ҷамъбасткунанда, таҷдиди муҳтавои ғазал, рубоӣ, дубайтӣ ва фард, эҳёи рубоисароии анъанавӣ бо мазмунҳои нави фалсафию иҷтимоӣ, такомули шеъри озод ва корбурди воситаҳои гуногуни тасвири бадеӣ мавриди таҳлили махсус қарор гирифтаанд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо бо истифода аз осори чопшудаи Аскар Ҳаким, аз ҷумла, ду ҷилди аввали «Маҷмуаи осор», асарҳои назариявию адабиётшиносии ӯ, пажуҳишҳои муҳаққиқони тоҷик ва таҳлили бевоситаи матнҳои шеърӣ таъмин гардидааст. Дар таҳқиқ усулҳои таърихию адабӣ, муқоисавӣ, таҳлилӣ ва тавсифӣ истифода шуда, хулосаҳои асосӣ бо маводди мушаххаси адабӣ асоснок карда шудаанд.

Метавон хулоса кард, ки мақсад ва вазифаҳои дар диссертатсия гузошташуда иҷро гардида, натиҷаҳои бадастомада ба муҳтавои бобу фаслҳо ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда мувофиқат менамоянд. Таҳқиқ барои омӯзиши минбаъдаи назарияи шеъри муосири тоҷик, масъалаҳои сабкшиносӣ, поэтика, анъана ва навоварӣ, шеъри озод ва воқеиятнигорӣ аҳаммияти илмӣ дорад.

Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ бо шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия. Мавзуи диссертатсия, объекту предмет, мақсад ва вазифаҳои он ба омӯзиши масъалаҳои назарияи адабиёт, поэтика ва сабкшиносӣ равона гардидаанд. Предмети таҳқиқро мазмуну муҳтавои ашъори Аскар Ҳаким, заминаҳои ташаккули ҳунари шоирӣ, сабку услуби фардӣ, масъалаҳои шаклу мазмун, анъана ва навоварӣ, санъатҳои бадеӣ ва сувари хаёл, шеъри озод ва воқеиятнигорӣ ташкил медиҳанд. Аз ин рӯ, номи мавзуъ ва муҳтавои асосии диссертатсия ба доираи масъалаҳои илмии ихтисоси 6.2.18. Назарияи адабиёт ва сабкшиносӣ мувофиқат мекунанд. Асоси чунин хулоса фарогирии масъалаҳои назарияи шеър, поэтика, сабки фардӣ, анъана ва навоварӣ, сохтори шеър, шеъри озод, санъатҳои бадеӣ ва воқеиятнигорӣ дар таҳқиқ мебошад.

Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ. Мавзуи диссертатсия ба «Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми сентябри соли 2020, №503 тасдиқ шудааст, мутобиқат дорад. Таҳқиқи мазкур ба рушди илмҳои филологӣ, омӯзиши мероси адабӣ ва таҳқиқи қонуниятҳои ташаккулу таҳаввули адабиёти миллӣ нигаронида шудааст. Рисола дар доираи барномаи корҳои

илмӣ-таҳқиқотии кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филология ва рӯзноманигории Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода иҷро гардидааст.

Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он. Натиҷаҳои асосии таҳқиқ дар 9 мақолаи илмӣ инъикос ёфтаанд, ки аз ин теъдод 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд. Ҳамчунин, муҳтавои диссертатсия дар маърузаву гузоришҳо, конференсияҳои байналмилаливу ҷумҳуриявӣ ва семинарҳои ҳамасолаи илмиву назариявии ҳайати профессорон ва омӯзгорони кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филология ва рӯзноманигории Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода мавриди муҳокима ва баррасӣ қарор гирифтааст.

Мазмун ва натиҷаҳои асосии диссертатсия дар автореферат ба таври муназзам инъикос гардида, нуктаҳои илмӣ, навгонии таҳқиқ, хулосаҳо ва натиҷаҳои асосии бобу фаслҳои он бо муҳтавои диссертатсия мувофиқат менамоянд.

Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо. Натиҷаҳои таҳқиқ дорои имконияти мушаххаси истифодаи илмӣ ва таълимӣ мебошанд. Хулосаҳо ва маводди диссертатсияро метавон ҳангоми таҳияи китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ, барномаҳои таълимӣ ва курсҳои махсус оид ба назарияи адабиёт, сабкшиносӣ, поэтика ва адабиёти муосири тоҷик истифода намуд. Имкони истифодаи натиҷаҳо дар курсҳои «Сабку услуб ва навоварӣ дар шеъри муосири тоҷик», «Вазъи шеъри муосири тоҷик дар давраи гузариш ва дурнамои он», «Шеър ва фалсафа», «Ҳикмат, панду ахлоқ ва устура дар шеър», «Санъати сухан ва сувари хаёл» ва «Шеъри озод ва шаклҳои нави шеър дар адабиёти тоҷик» вуҷуд дорад. Ҷанбаи амалии таҳқиқ, пеш аз ҳама, ба соҳаи таълими филологӣ, таҳияи маводди таълимӣ ва анҷом додани пажуҳишҳои минбаъда дар назарияи адабиёт ва сабкшиносӣ дахл дорад.

Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқи диссертатсионӣ. Саҳми шахсии Қаҳорзода Меҳроҷиддини Вайсиддин дар ҷамъоварӣ, интихоб ва таҳлили маводи адабӣ, омӯзиши осори манзум ва адабиётшиносии Аскар Ҳаким ва коркарди натиҷаҳои таҳқиқ ифода меёбад. Довталаб дар асоси маводди мавриди омӯзиш марҳилаҳои фаъолияти эҷодии шоирро баррасӣ намуда, хусусиятҳои мазмунӣ, шаклӣ ва сабкии ашъори ӯро муайян

кардааст. Ба саҳми мустақими довталаб муайян намудани таҳаввули мавзуъ ва мундариҷаи ашъор дар ду марҳилаи таърихӣ, таҳқиқи таносуби анъана ва навоварӣ, баррасии шаклҳои чаҳорпора, ғазал, рубоӣ, дубайтӣ ва шеъри озод, муайян намудани ҷойгоҳи андешаҳои фалсафию ахлоқӣ, таҳлили санъатҳои бадеӣ ва сувари хаёл, таҳқиқи хусусиятҳои воқеиятнигорӣ дар ашъори ғиноии Аскар Ҳаким дохил мешаванд. Довталаб маводди таҳқиқшударо муқоиса ва ҷамъбаст намуда, аз онҳо натиҷаҳои илмӣ баровардааст, ки дар нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва хулосаҳои диссертатсия ифода ёфтаанд.

Диссертатсияи Қаҳорзода Меҳроҷиддини Вайсиддин дар мавзуи «Ҷанбаҳои бадеӣ ва фалсафии ашъори Аскар Ҳаким» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.18. Назарияи адабиёт ва сабкшиносӣ пурра мувофиқат мекунад. Мавзуи диссертатсия ба бандҳои 31-35-37 - и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» - и Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, 8 фасл, хулоса, тавсия, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва як замима иборат мебошад. Вобаста ба мавзуъ ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ 9 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи шомили феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридбуда интишор гардидааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 4,81 ҷузъи чопиро ташкил медиҳанд.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст:

I.Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:

1. Қаҳорзода, М.В. Мақоми илмӣ, адабӣ ва таҷрибаи зиндагии Аскар Ҳаким дар ташаккули шеъри иҷтимоӣ ва фалсафии муосири тоҷик [Матн] / М.В. Қаҳорзода // Паёми Донишгоҳи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих. – Душанбе, 2025. - №2 (58). – С. 258–266.

2. Қаҳорзода, М.В. Ташаккули сабку услуб ва густариши маъноҳои иҷтимоиву фалсафӣ дар эҷодиёти Аскар Ҳаким дар даврони истиқлоли давлатӣ [Матн] / М.В. Қаҳорзода // Паёми Донишгоҳи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих. – Душанбе, 2025. - №3 (59). – С. 306–314.

3. Абдурраҳимзода, Б.А., Қаҳорзода, М.В. Ҷанбаҳои воқеиятнигорӣ ва таҷрибаи зиндагӣ дар шеъри Аскар Ҳаким [Матн] / Б.А., Абдурраҳимзода, М.В. Қаҳорзода // Паёми Донишгоҳи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих. – Душанбе, 2025. - №4 (60). – С. 257–266.

4. Қаҳорзода, М.В. Тафаккур ва рисолати иҷтимоӣ дар шеъри Аскар Ҳаким [Матн] / М.В. Қаҳорзода // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2025. - №4 (117). – С. 177–185.

5. Қаҳорзода, М.В. Унсурҳои воқеиятнигорӣ дар ашъори Аскар Ҳаким [Матн] / М.В. Қаҳорзода // Паёми Донишгоҳи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих. – Душанбе, 2026. - №2 (62). – С. 289-296.

II. Мақолаҳо ва фишурдаи интишорот дар маҷмуаҳои дигар:

6. Қаҳорзода, М. Маънишиносӣ ва ҳикматомезии зарбулмасалу мақолҳо дар ашъори Аскар Ҳаким [Матн] / М. Қаҳорзода // Маводди конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Ҷойгоҳи забони тоҷикӣ дар ҳифзу густариши арзишҳои минтақаи Осиё». – Душанбе, 2025. – С. 334–342.

7. Қаҳорзода, М. Хусусиятҳои воқеанигорӣ ва сюжетсозӣ дар ашъори ғиноии Аскар Ҳаким [Матн] / М. Қаҳорзода // Маводди конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Муоширати бисёрфарҳангӣ, нақши забонҳо, адабиёт ва илм дар рушди ҷомеаи муосир». – Душанбе, 2025. – С. 423-433.

8. Қаҳорзода, М. Сабк ва услуби эҷодии Аскар Ҳаким: таҳлили воситаҳои бадеӣ [Матн] / М. Қаҳорзода // Маводди конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Робиндранат Такур ва мақоми ӯ дар густариши равобити адабии Шарқу Ғарб». – Душанбе, 2025. – С. 462 - 467.

9. Қаҳорзода, М. Тасвир ва тавсифи Ватан дар ашъори Аскар Ҳаким ва Ӯткир Раҳмат [Матн] / М. Қаҳорзода // Маводди конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами филологияи Шарқ ва робитаҳои забониву адабӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ». – Душанбе, 2026. – С. 422-428.

Ҷаласа қарор қабул кард:

1. Диссертатсияи Қаҳорзода Меҳроҷиддини Вайсиддин дар мавзуи «Ҷанбаҳои бадеӣ ва фалсафии ашъори Аскар Ҳаким» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.18. Назарияи адабиёт ва сабкшиносӣ кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Қаҳорзода Меҳроҷиддини Вайсиддин дар мавзуи «Ҷанбаҳои бадеӣ ва фалсафии ашъори Аскар Ҳаким» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.18. Назарияи адабиёт ва сабкшиносӣ бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя ба шурои диссертатсионии дахлдор тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филология ва рӯзноманигории Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз 12.08.2026, №1 қабул гардидааст.

Иштирок доштанд: ҳамагӣ 18 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 18 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест.

Раиси ҷаласа:
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
мудири кафедраи назария
ва таърихи адабиёт Хатлонӣ С.

Котиби илмии ҷаласа:
номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти кафедраи назария ва
таърихи адабиёт Раҳимова М.И.

Имзоҳои С. Хатлонӣ ва М.И.Раҳимоваро
тасдиқ мекунам: сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДБЗХТ
ба номи Сотим Улуғзода Сиҷоатова М. Ғ.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Нишонӣ: 734019, шаҳри Душанбе,
кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6. Тел.: +992 372325000;
факс: +992 372325003; сомона: www.dbz.tj